Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**Тақриз**

***ба автореферати диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)***

Дар марҳалаи кунунӣ рушди муносибатҳои бозоргонӣ, баланд бардоштани самаранокии тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт аз такмили кори комплекси нақлиётӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии ҳар як минтақа бояд ба талаботи системаи бозорӣ ва инчунин ба талаботи афзояндаи хизматрасонии нақлиётӣ ҷавобгӯ бошанд. Ташаккул додани захираҳои зарурӣ барои ташкил ва идоракунии раванди нақлиёт дар шароити дигаргуниҳои ҳудудӣ аз дастгирии системаи инфрасохтори он вобаста аст. Аз ин лиҳоз мубрамияти рисолаи мазкур, ки ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз бахшида шудааст боиси қайд аст.

Дар рисола муаллиф кушидааст, ки дар асоси омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ асосҳои методологии омӯзиши рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро ба роҳ монад, мушкилоти мавҷудаи монеашавандаи рушди соҳаи нақлиётро муайян намояд ва оид ба беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо пешниҳод намояд.

Дар муқаддима роҷеъ ба мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, навгонӣ дар таҳқиқи илмӣ, вазифаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия сухан рафта, мавзӯи тадқиқоти илмӣ асоснок ва зарурати интихоби он баён карда шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки нахустин бор махсусан инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби унвонҷӯ ба риштаи тадқиқ кашида шудааст.

Дар рисола асосҳои назариявию методии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ ва асосҳои фаъолияти он, назария ва мавқеи ин инфрасохтор, хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётию минтақа дар шароити бозор мавриди омӯзиш қарор дода шудаст.

Вазъи муосири рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа омӯхта шуда, амсиласозии иқтисодию риёзии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа анҷом дода шудааст.

Дар қисми ниҳоии рисола мукаммалгардонии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон дар асоси ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он ва

самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон таҳия ва муайян карда шудааст.

Дар хулосаи рисола муҳаққиқ ҳар як бобро ба таври алоҳида натиҷагирӣ кардааст, ки мундариҷаи диссертатсия кори илмии анҷомдодаи ӯро пурра инъикос менамояд.

Бо вуҷуди ба талабот ҷавобгӯ будан, баъзе нуқсонҳо дар автореферати рисола ба назар мерасаннд:

1. Дар автореферат баъзе нуқсонҳои имлоию техникӣ ба назар мерасад.

2. Оид ба мафҳум ва тавсифи нақлиёт, логистика, инфрасохтор ва минтақа андеша муаллиф ба пуррагӣ баён мешуд боз ҳам сифати корро беҳтар мекард.

Ин камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ набуда, ба сифати кори диссертатсионии ба анљомдода шуда таъсири намерасонанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ мазмуну мундариҷаи диссертатсияи мазкурро инъикос менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори ба анҷомрасидаи илмӣ буда, арзиши баланди илмӣ-назариявӣ дорад ва ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи рисола бошад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор аст.

**Муқарриз:**
директори Муассисаи Давлатии
«Нақлиёти автомобилӣ ва
хизматрасонии логистикӣ», Саломзода Р.С.

Имзои н.и.т. Саломзода Р.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
таъминоти ҳуқуқӣ Холмаҳмадзода З.

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо,10.*

**_Тақриз_**

***ба автореферати диссертатсияи номзадии Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)***

Нақлиёт дар миқёси иқтисодиёти кишвар соҳае мебошад, ки бе инкишофи муътадили он рушди дигар соҳаҳо ғайриимкон аст, чунки асоси ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Бо дарназардошти ин, функсияи нақлиёт дар чунин ҳамкориҳо на танҳо қонеъ намудани талаботи мавҷудаи боркашонӣ аз тиҷорати ҳудудӣ, балки фароҳам овардани хидматрасонии босифат ва сариватӣ ба таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон бо усулҳои вазнини кор, яъне бо дарназардошти доимо тағйирёбанда ва дурнамо мебошад. Аз ин рӯ, барои фаъолияти самарабахши иқтисодиёт зарур аст, ки системаи нақлиёт ва тақсимот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон тавассути ташкили марказҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақаҳои пурқуввати гардиши моддии молҳо (борҳо) ташкил карда шавад.

Дар робита ба ин қайд намуданро зарур мешуморам, ки мавзӯи интихоб гардидаи кори диссертатсионии Ашуров Носир Амонқулович ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз бахшида шудааст.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки кори диссертатсионнӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёҳо иборат аст. Дар муқаддима муҳимияти мавзуъ, дараҷаи коркарди мавзӯи тадкиқоти диссертатсионӣ оварда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дақиқ карда шудааст.

Дар боби аввал назария ва мавқеи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии дар сохтори иқтисоди бозории минтақа ва асосҳои фаъолияти он, хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити бозор омӯхта шудаст.

Дар рисола ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода шуда, омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа муайян шуда, амсиласозии иқтисодӣ-риёзии ҳаҷми боркашонӣ, рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии дар минтақа ба анҷом расонида шудааст.

Дар боби охирини рисола ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он ва

самтҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон таҳия ва муайян карда шудааст, ки боиси дастгирист

Тадбиқи тадбирҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки маҷмуи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон аз рӯи самтҳои иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ коркард шаванд.

Умуман, муаллиф тадқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо автореферати кори диссертатсионии мазкур дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1. Дар рисола хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа ба тариқи пурра мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аммо роҳҳои ҳалли баъзе масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа пешниҳод нашудааст.

2. Дар автореферат на ҳама паҳлӯҳои дастгирии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор дода шуда аст.

Аммо камбудиҳои пешниҳодшуда ба аҳамияти илмии тадқиқот таъсири назаррас надоранд ва эътибори онро паст намесозанд.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро дар бар мегиранд.

Умуман, диссертатсияи Ашуров Н.А. кори илмии пурра ба анҷом расонида ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
д.и.и., префессори кафедраи
системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шамсов И.С.

*Имзои д.и.и., профессор Шамсов Илёсҷон Сафаровичро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

28.11.22

*Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.*
*Тел: (+992) 918.78.89.38., E-mail: Shamsov1976@mail.ru*

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо,10. тел: 935443344)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Таҳлили васеи адабиёти илми иқтисодиёт исбот месозад, ки раванди таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат ба татбиқи хизматрасониҳои логистикӣ ва ташаккули бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ алоқамандии қавӣ дорад. Хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ ба сифати муҳаррики ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёти мамлакат дар шароити имрӯза баромад намуда мавқеи махсусро барои тадриҷан баланд бардоштани раванди рушди иқтисодиёти миллӣ ишғол менамояд. Дар шароити муносибатҳои шаклан нави рушди соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мубодилаи истеҳсолоту истеъмолот, маҳз фишанги таъсирасон ва ояндасоз ин татбиқ ва ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ мебошад. Зарур мешуморем, ки дар ин раванд дар баробари татбиқ ва истифодаи хизматрасониҳои нақлиётию логистикӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба такмили механизми танзими давлатии соҳа бо пажӯҳиши нав нигоҳи навоварона мебошад.

Дар ҳақиқат ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи иқтисодиёти имрӯза ва мавзӯи рузафзуну ҷолиб ва муҳим барои омӯхтани иқтисоди минтақа табдил ёфтааст ва бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти минтақави зич алоқаманд мебошад, ки бо кӯмаки он ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои дигар таъсир расонида мешавад. Инчунин, тамоюли мусбии он дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси афзоиши ҳаҷмии воқеии соҳаи хизматрасониҳо ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мегардад.

Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф андешаи худро доир ба раванди мазкур баён намуда ақидаи худро дар доираи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ хусусан дар шароити иқтисодиёти бозорӣ идома додааст, ки бевосита таваҷҷӯҳи доираи васеи субъектҳои хоҷагидориро дар шароити имрӯза ба худ ҷалб намудааст.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ чунин мешуморад, ки барои расидан ба мақсадхои кори илмӣ тадбирхои асоснок бояд амалӣ гарданд. Инчунин, ӯ ба чунин хулоса омадааст, ки бе таъмини рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳо ба соҳаи нақлиёт, расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, баландбардории даромаднокии аҳолӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли молҳои

ватанӣ ғайриимкон мегардад.

Таҳлили сохтории кори диссертатсионии мазкур нишон медиҳад, ки зарурияти тадқиқотро дар асоси ҳолати воқеии раванди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикиро ба дараҷаи кофӣ дар бар мегирад.

Муаллиф собит намудааст, ки гарчанде, ки падидаи мазкур равиши нисбатан нави илми иқтисодиёт дар мамлакати мо мебошад, аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Таҳаввулоти техникии солҳои охир боиси рушди ин шакли иқтисодиёт гардида дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ рушд намуда истодааст.

Қайд намудан зарур аст, ки муаллиф тадқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Дар автореферат натиҷаҳои таҳлили фаъолияти терминалҳои логистикӣ ба пуррагӣ оварда нашудааст.
2. Муаллиф дар бандҳои алоҳида самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро пешниҳод намудааст, аммо шарҳи муфассали он оварда нашудааст.

Бо вуҷуди ҷой доштани норасоиҳои пешниҳодшуда ба аҳамияти илмию амалии тадқиқот ва сифати кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонад ва эътибори онро коста намегардонад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович кори илмии ба анҷом расонидашуда ҳисобида шуда ба пояи талаботи илмӣ- назариявӣ ва амалияи муосир анҷом дода шудааст ва ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор медонем.

**Муқарриз:**

д.и.и., дотсен, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷумъаев Б.М.

Имзои Ҷумъаев Б.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмиллалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

Донишгоҳи байналмиллалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. 734055. Ш. Душанбе. Хиёбони Борбад. 48/5, *тел: (+99237) 234-88-00. www. iutet.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.*
*Tel: (+992) 934888670, E-mail: j_bahoviddin@mail.ru*

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди*
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ*
(734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони
Академикҳо Раҷабовҳо,10. тел: 935443344)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои мунтазам ташкил намудани воридот ва содироти молҳоро тавассути ҳамлу накл, нигаҳдорӣ, ва коркарди онҳо таъмин намуда, ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва вилоятҳои он таъсири худро мерасонад. Омӯзиши ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар шароити нави иқтисодӣ, тақвиятбахшии раванди ташкили инфрасохтори нақлиётӣ-логитикии минтақаҳои алоҳида ва таъмини рақобатпазии онҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ба муаллиф муяссар гардидааст,ки вазифаҳои мураккаб ва баҳсталаби дар назди худ гузоштаро дар асоси коркарди назариявӣ ва методии ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, арзёбии самтҳои афзалиятноку тамоюли рушди он дар шароити муосир ҳал намудааст.

Аз автореферат бар меояд, ки дар диссертатсия баҳодиҳии паҳлӯҳои назариявии мавзуъ дақиқ таҳлил гардида ,муаллиф тавонистааст,ки роҳҳои таъмини рақобатнокии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар бозори хизматрасонии нақлиётию логистикӣ асоснок намояд. Муаллиф тавонистааст асосҳои назариявӣ-методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро бо дарназардошти накши он дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ намуда фаъолияти намудҳои гуногуни нақлиёт, ки интихоби онҳо бо дарназардошти шаш омили асосӣ ба амал бароварда мешавад, асоснок намояд.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки дар диссертатсия масъалаҳои баҳсталаб дар асоси таҳлил ва арзёбии ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон аниқ карда шуда, камбудиҳои ҷойдошта, инчунин омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он муайян карда шудааст. Муаллиф дар диссертатсия амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон бо дарназардошти таъсири омилҳо ва амсилаи иқтисодию риёзии такмилдодашудаи рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа пешниҳод карда шудааст.

Яке аз бартариҳои кори ба анҷом расонидашуда муаллиф дар он зоҳир мегардад,ки ӯ тавонистааст дар диссертация стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа асоснок ва пешниҳод карда шуда, дастгирии

сармоягузорӣ барои рушди он дар шароити имрӯзаи вилояти Хатлон бо дарназардошти дастгирӣ ва иштироки давлат, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз он ҷумла сармояи мустақим ва сармояи хусусӣ пешниҳод намояд.

Аҳамияти амалии диссертатсия аз бар меояд, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 ва унсурҳои таркибии он муайян кардашудааст ва боиси дастгирӣ мебошад.

Дар асоси шиносоӣ бо автореферат бояд қайд кард, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар он ақидаҳои баҳсталаб ва инчунин норасоиҳо ба назар мерасанд,ки баъзеи онҳоро бояд қайд намуд,а з ҷумла:

1. Дар навгонии 3-юми дар автореферат овардашуда, омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он муайян карда шудааст. Аммо, дар матни автореферат мушахассоти чунин омилҳои таъсирбахш ба таври зарур аниқ нагардидааст.

2.Инчунин на ҳама имконият ҳо ҷиҳати сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

Автореферат ва интишороти муаллиф мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мувофиқ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) ба талаботи Комиссияи оли аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарриз:**
**Профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россияву Тоҷикистон, д.и.и., прфессор, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ** **Комилов С.Ҷ.**
**E-mail: sirodj.tj@mail.ru. тел: 227-15-71**

**Имзои д.и.и., профессорС.Ҷ. Комиловро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

**Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе к. Турсунзода 30.**